# ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

**Парвандаи аттестатсионии № ____**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 14.04.2023, № 13**

Барои сазовор донистани Асоев Илҳом Зикрёевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос.

Диссертатсияи Асоев Илҳом Зикрёевич дар мавзуи «Рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ омили муҳими баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600- Иқтисодиёт (6D050611 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) санаи 8-уми феврали соли 2023 барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №24 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи декабри соли 2022, таҳти №13/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ **Асоев Илҳом Зикрёевич,** шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 12-уми сентябри соли 1980 дар шаҳри Кӯлоб таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2002 ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ихтисоси педагогика ва методикаи таълими ибтидои дохил шуда, соли 2007 онро бо дипломи аъло хатм намудааст.

Соли 2008 ба факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси Менеҷмент дохил шуда, соли 2012 муассисаи олии номбурдаро бо дипломи аъло хатм намудааст. Соли 2015 ба факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба шуъбаи магистратура дар бахши илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси кори бонкӣ дохил шуда, соли 2017 муассисаи номбурдаро бо дипломи аъло хатм намудааст.

Соли 2017 ба факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба шӯъбаи докторантураи (PhD), аз рӯйи равияи иқтисодиёт дохил шуда, соли 2020 муассисаи номбурдаро бо баҳои аъло хатм намудааст.

Асоев И.З. аз соли 2013 то ба ҳол дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар кафедраи назарияи иқтисодӣ ҳамчун омӯзгор фаъолият намудааст:

Ӯ аз моҳи феврали соли 2023-то ба ҳол муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба ном Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кор карда истодааст.

Ҳамзамон солҳои 2017 – 2020 докторанти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба ҳисоб мерафт.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба ном Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Нурализода Амрулло Назрулло** –номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** – професори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисод, профессор, академики Академияи байналхалқии мактабҳои олӣ;

**Ойматов Бахтиёр Шораҳматович** – номзади илмҳои иқтисодӣ., и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муассисаи пешбар** – Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар тақризи мусбат, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, Ҷонакова Гулҷаҳон Абдулманоновна омода карда шуда, аз тарафи раиси ҷаласа н.и.и., Бабаджанов Р.М. имзо гардида, дар ҷаласаи васеи шӯъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 28 марти соли 2023, суратҷаласаи №6 баррасӣ гардида, аз ҷониби директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шариф Раҳимзода, 28 марти соли 2023 тасдиқ карда шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Асоев Илҳом Зикрёевич дар мавзуи «Рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ омили муҳими баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ тибқи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Асоев Илҳом Зикрёевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050611 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 16 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М] Асоев И.З. Нақши танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар баландбардории сатҳи некӯаҳволӣ (дар мисоли минтақаи Кӯлоб) [Матн]/ А.И. Асоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ-2020. - №7. – С. 204-209.

[2-М] Асоев И.З. Ташаккулёбии идоракунии алоқаи байниҳоҷагии кишвар дар таъмини шароитҳои некуаҳволии мардуми минтақа [Матн]// А.Н. Нурализода, И.З.Асоев, У.М.Воҳидов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2021.-№8 -С.105-111.

[3-М] Асоев И.З. Тамоюлҳои рушди некуаҳволии мардуми минтақа дар заминаи муносибатҳои байналмилалӣ [Матн]// Паёми Донишгоҳи молия ва иқтисод. (Маҷалаи илмӣ-амалӣ).- 2022.-№1 - С.273-281.

[4-М] Асоев И.З. Таҳлили эконометрикии баҳодиҳии сатҳи некаҳволии мардуми вилояти Хатлон [Матн]//А.Н. Нурализода, И.З.Асоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2022. -№7. - С. 38-44.

[5-М] Асоев И.З. Таҳлили вазъи воқеии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар вилояти Хатлон. [Матн] И.З.Асоев // Паёми молия ва иқтисод. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, №4/1 (33), 2022. С.107-114.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[6-М] Асоев И.З. Роль государства в повышении уровня жизни населения села/Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ - 2 (17) 2017.- С. 73-81.

[7-М] Асоев И.З. Мукаммалгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва муносибатҳои аграрӣ дар таъмини бехатарии озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи коференсияи илмӣ-назариявии дар мавзӯи: «Нақши ДДК ба номи А. Рӯдакӣ дар тайёр намудани мутахассисон бахшида ба 70-солагии донишгоҳ» ( ш.Кӯлоб, 17-18-апрели соли 2015).-С. 270-273.

[8-М] Асоев И.З. Особенности формирования и функсионирования рынка образовательных услуг в РТ / Маводи конфронси илмӣ – назариявӣ дар мавзуи: «Нақши ДДК ба номи А. Рӯдакӣ дар тайёр намудани мутахассисон бахшида ба 70-солагии донишгоҳ». ( ш.Кӯлоб, 17-18-апрели соли 2015).-С. 303-309.

[9-М] Асоев И.З. Истифодаи методҳои самаранокии таълими фанҳои дақиқу табиатшиносӣ ҳамчун тафакури эҷодӣ ва фаъолиятӣ зеҳнии донишҷӯ дар низоми кредитӣ / Маводи конференсияи илмӣ-амалии донишкадавӣ дар мавзуи « Проблемаҳои актуалии моделсозии макроиқтисодӣ ва дурнамо бо истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ». (26 феврали соли 2016) Душанбе: ДДМИТ, 2016.- С. 93-96.

[10-М] Асоев И.З. Рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ-омили асосии баландбардории некӯаҳволии мардум / Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ. -(ш. Кӯлоб, 27-28.05.2016). -Кӯлоб, 2016. – С. 434 -436.

[11-М] Асоев И.З.Нақши фишангҳои молиявӣ дар танзими иқтисодиёт / Маводи конференсияи илмӣ-амалии донишкадавӣ дар мавзуи: «

Проблемаҳои актуалии моделсозии макроиқтисодӣ ва дурнамо бо истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ» (26 феврали 2016).- Душанбе: ДДМИТ, 2016. - С. 43-46.

[12-М] Асоев И.З. Ислоҳоти кишоварзӣ омили паст кардани сатҳи камбизоатӣ / Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ – 2 (17) 2017.- С. 70 – 72

[13-М] Асоев И.З. Нақши танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар баландбардории сатҳи некӯаҳволии минтақа / Маводи онлайн видеоконфронсияи илмию амалии байналмилалӣ дар мавзӯи: « Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар» (13 ноябри 2020).- ш. Кӯлоб бахшида ба 17 солагии ДТМИК, ва 30 солагии истиқлолияти давлатии ҶТ 2020. – С. 525-530.

[14-М] Асоев И.З. Омилҳои паст кардани камбизоатӣ ва роҳҳои баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ» (26 декбри 2020).- Кӯлоб, 2020. -С. 436-439.

[15-М] Асоев И.З. Алоқаи байнихоҷагии кишвар ва баланд бардоштани некуаҳволии мардуми минтақаи Хатлон / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии дар мавзуи: « Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмилалӣ » (26 ноябри 2021).- Душанбе: ДДМИТ, 2021. - С. 212-215.

[16-М] Асоев И.З. Алоқаи байнихоҷагӣ ва таъмини шароитҳои некуаҳволии мардум / Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: « Вазъи низоми бонки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Пандемия коронавирус (COVID 19)» (11декабри 2021).- ш. Кулоб: ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 2021. - С. 434-437.

[17-М] Асоев И.З. Арзёбии тамоили рушди некуаҳволии мардуми минтақаи Хатлон / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба рӯзи кормандони мақомоти молия дар мавзуи: «Низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлоли давлатӣ: ҳолат ва дурнамои рушди он» (11декабри 2021).- Душанбе:, ДДМИТ, 2021. – С. 80-84.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Ҷумаев Баҳовуддин Маҳмадназарович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат бо чунин эродҳо:

-муаллиф муайян намудааст,ки барои арзёбии сатҳи некуаҳволи миёни табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ мавриди истифода қарор мегирад- ин рушди ММД мебошад, ки ҳамчун критерияи муҳим тағйироти таркибии он тавсифи муносибатҳои байниминтақавиро ифода мекунад. Лекин тафсилоти дақиқ оид ба механизми тақсим намудани ММД ба сари аҳолӣ нишон дода нашудааст;

- дар автореферат хатогиҳои услубӣ дида мешавад.

**2. Комилов Абубакр** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи милии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

-новобаста аз оне, ки объекти таҳқиқотии кори илмии мазкур дар мисоли минтақаи алоҳидаи ҷумҳурӣ оварда шудааст, агар хубтару беҳтар мебуд дар автореферат таҷрибаи баъзе кишварҳои тараққикардаи дунё оварда шуда, кадом таҷрибаи пешқадами онро дар мисоли ҷумҳурии мо амалӣ намудан мумкин аст, асоснок ва пешниҳод мегардид;

-дар саҳифаи 18-расми 5-ҷузъҳои таркибии механизми дастгирии давлатии баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми вилояти Хатлон – тавсиф гардидааст, ки ба таври кофӣ маънидод нагардида шарҳу тавсифи зарурӣ дода нашудааст.

**3. Джайлоев Зафар -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо чунин эрод:

-муаллиф дар автореферати худ дурнамои нишондиҳандаҳои иқтисодии муайянкунандаи дараҷаи некуаҳволии мардуми вилояти Хатлонро аз нигоҳи худ муайян кардааст, аммо мутаасифона дар автореферат ягон модели математикӣ ва ё ҷадвали махсус вуҷуд надорад, ки дурнамои нишондиҳандаҳои иқтисодии муайянкунандаи дараҷаи некуаҳволии мардумро инъикос кунад;

-дар матни автореферат хатогиҳои имлоӣ низ ба чашм мерасад, ки онҳо ислоҳро тақозо менамоянд.

**4. Олимов Саъдӣ** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эрод:

- дар қисмати назариявии кори диссертатсионӣ муаллиф аз назарияҳои олимони хориҷиву ватанӣ истифода кардааст, аммо фикри муаллиф кам ба назар мерасад;

-дар хулосабарории боби дуюми дисертатсия бисёр бамаврид мебуд аз таҳлили ҷадвалҳо ва диаграммаҳое, ки дар боби дуюми рисола мавриди таҳқиқ қарор додашкда буданд натиҷагирӣ карда мешуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи илмӣ ба омӯзиши хусусиятҳои рушди хизматрасониҳои иҷтимоии минтақаи Хатлон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- масъалаҳои назариявӣ ва методии рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳамчун омили муҳимми баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар шароити

муосир аниқ карда шуда, таъсири баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба рушди иқтисодию иҷтимоию вилояти Хатлон коркард карда шудааст;

- нишондиҳанда ва омилҳои асосии ташаккули хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва такмили низоми минтақавии рушди соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ пешниҳод шудааст;

- самтҳои афзалиятноки такмили низоми сиёсати иҷтимоӣ ва модели арзёбии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ дар асоси рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ асоснок гардидаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- асосҳои илмию назариявии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва таъсири он ба сатҳу сифати зиндагии аҳолии минтақа баррасӣ шудаанд;

- вобаста ба предмети таҳқиқот усулҳои коркарди омории маълумот, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ, таҳлили маҷмӯавӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, шаклҳои графикӣ ва ҷадвалии гузаронидани таҳлил истифода шудаанд;

- таҳлили вазъи муосири ҳаҷм ва сохтори хизматрасониҳои иҷтимоии вилояти Хатлон гузаронида шудааст;

- самтҳои асосии рушди сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун омили муҳимми баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар шароити муосир таҳия ва пешниҳод шудааст;

- механизми давлатии рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва модели арзёбии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии вилояти Хатлон таҳия гардидааст.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти Раёсати рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ татбиқ гардидаанд;

- самтҳои асосии илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани вазъи рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳамчун омили муҳимми баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолии вилояти Хатлон бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- *назария* дар ақидаҳои консептуалии назарияи иқтисодӣ, назарияи сатҳи зиндагӣ, ҳамчунин соҳаи хизматраасонӣ ва идоракунии хизматрасониҳои иҷтимоӣ асос ёфтааст**;**

- *ғояи* таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳамчун омили муҳимми баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии минтақа мусоидат мекунад;
- хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ – «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисодиёт ва идоракунии минтақаҳо», «Микроиқтисод» ва «Макроиқтисод» татбиқ шудаанд;
- муқаррароти асосии диссертатсия дар 16 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;
- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тӯли солҳои 2017-2022 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 14 апрели соли 2023 қарори сазовор донистан Асоев Илҳом Зикрёевич бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600- Иқтисодиёт (6D050611 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шӯрои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шӯро 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассис оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар (аз он ҷумла 4 доктории илм ва 1 нафар номзади илм). Овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**14 апрели соли 2023.**